**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст**

Нахустин чизе, ки диққати моро ба ин пажуҳиши илмӣ ҷалб кард, навгонии таҳқиқот мебошад. Дувум, рӯзгору осори Саҳобии Астарободӣ дар воқеъ таваҷҷуҳи олиму омиро ба худ мекашад, зеро баҳои тазкиранигорон ва мухтавои осораш аз шоири барҷаста будани ӯ мужда медиҳад. Илова бар ин, дар тазкираҳои «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Сафинаи Хушгӯ»-и Биндробан Доси Хушгӯ, «Сарви озод»-и Мир Ғуломалихони Озоди Билгиромӣ, «Натоиҷ-ул-афкор»-и Қудратуллоҳи Гупомувӣ, «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар, «Риёз-ул-орифин» ва «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ, дар таҳқиқотҳои арзишманде ба мисли «Шеър-ул-Аҷам»-и Шиблии Нуъмонӣ, «Таърихи адабиёти форсӣ»-и Ҳерман Эте, «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳуллоҳи Сафо, «Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ»-и Сируси Шамисо ва дар донишнома ва фарҳангномаҳои «Фарҳанги суханварон»-и Хайёмпур, «Луғатномаи Деҳхудо»-и Алиакбар Деҳхудо, «Энсиклопедияи советии тоҷик», инчунин мақолаҳои «Сабкшиносии рубоиёти Саҳобии Астарободӣ»-и Ҳиво Ҳасанпур, «Таҷаллии оёт ва аҳодис дар рубоиёти Саҳобии Астарободӣ»-и Ғуломризо Мустаълии Порсо ва ғайра шоир мавриди ситоиши зиёд қарор гирифтааст, ки аз бузургии ӯ дар ҷодаи шеъру шоирӣ паём медиҳад.

Мутолиаи автореферати Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович нишон дод, ки таҳқиқоти мазкур кори анҷомёфтаи илмӣ буда, навгониҳои зиёд дорад. Сохтору мухтавои фишурда ба талаботи навиштани автореферати диссертасияҳои номзадӣ комилан посухгӯ буда, он ба пуррагӣ мундариҷаи таҳқиқоти илмиро дар бар гирифтааст. Хулоса ва натиҷаҳои пажуҳиш низ мантиқӣ пешниҳод гардидаанд.

Дар автореферат се боб, ҳашт фасл, шаш зерфасл ба таври фишурда баён гардида, ҳамзамон нишон дода мешавад, ки диссертатсия аз хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, дар маҷмуъ диссертатсия аз 167 саҳифаи чопии компютерӣ иборат мебошад.

Дар бахши муқаддима муаллиф доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, алоқамандии таҳқиқ бо барнома ва мавзуи илмӣ

ва дар қисмати тавсифии умумии кор доир ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, сарчашма ва навгониҳои диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳаммияти назариву амалии таҳқиқ бо риояи низоми муқарраршуда маълумот додааст.

Боби аввали диссертатсия **"Зиндагӣ ва мероси адабии Саҳобии Астарободӣ"** ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Муҳаққиқ дар такя ба тазкираҳое, ки дар ибтидо зикрашон рафт, зиндагии шоирро пажуҳиш намуда, асл, зодгоҳ, мусофират, вафот ва дигар паҳлуҳои ҳаёти шоирро таҳқиқ карда, дар натиҷагирияш хулосаи илман асоснокро пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, дар фасли дигари ин боб осори шоир мавриди баррасӣ қарор гирифта, теъдоди абёт ва муҳтавои осори шоир шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Боби дуюми диссертатсия **"Мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Саҳобӣ"** ном дошта, аз чор фаслу се зерфасл иборат аст. Дар боби мазкур ғазал ва анъанаи ғазалсароӣ, муҳтавои ғазалиёти Саҳобӣ, мавзуъҳои ишқ, панду ҳикмат, вижагиҳои ғазалиёти шоир ва таъсирпазирии Саҳобӣ мавриди таҳқиқи диссертасионӣ қарор дода шудаанд. Дар ҳар як фасли ин боб заҳмати муҳаққиқ мушоҳида мегардад. Мавзуъҳои ишқ, панду ҳикмат дар такя ба осори шоир хуб баррасиву таҳлил гардидаанд. Маврид ба таъкид аст, ки муайян намудани баҳрабардории шоири таҳқиқшаванда хеле зарур аст. Чунки масъалаи таъсирпазирӣ ва ё таъсиргузории шоир дигар гиреҳҳову ҷанбаҳои эҷодиёти ӯро мекушояд, ҳунари ӯро бармало месозад, дар кадом жанр дастболо будани адибро бозгӯ менамояд. Бино бар ин, муҳаққиқ ин фасли кори таҳқиқиашро ҳам бо муваффақият ҷамъбаст намудааст.

Боби сеюм **"Рубоиёти Саҳобӣ ва мавзуву муҳтавои онҳо"** ном дошта, ду фаслу се зерфаслро дар бар мегирад. Муаллиф дар ин боб дар такя ба сарчашмаҳо исбот намудааст, ки Саҳобӣ дар ҳақиқат рубоисарои бузург аст. Ӯ дар масъалаҳои назарӣ ба таҳқиқоти Шиблии Нуъмонӣ, Сируси Шамисо, Ғуломризо Мустаълии Порсо, Ҳиво Ҳасанпур, Акбари Беҳдорванд ва дигар донишмандоне, ки доир ба рубоиёти Саҳобӣ ибрози назар намудаанд, такя кардаву таҳқиқи муқоисавӣ анҷом додааст. Ҳамин тариқ муаллиф дар фасли охирини диссертатсия "Забон ва услуби баёни адиб" забони шеъри Саҳобиро равону гуворо қаламдод кардааст. Агарчи дар ашъори шоир калимоту ибораҳои арабӣ ба назар расад ҳам, онҳо хоси асрҳои XVI ва XVII буда, дар осори дигар шуарои ин давра низ мушоҳида мегарданд.

Автореферати диссертатсияи муҳаққиқ бо забони хуби илмӣ таълиф гардида, андешаронӣ, сабки баён, таҳлилҳо, хулосаю тавсияҳо мантиқию мушаххас мебошанд. Мақолаҳои батабърасонидаи муҳаққиқ низ комилан муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ шаҳодат медиҳад.

Хулосаи диссертатсия низ хуб аст, муҳаққиқ тавонистааст, ки дар 19 банд асоситарин натиҷаҳои бобҳову фаслҳои таҳқиқоти худро ба таври муҷаз баррасӣ намояд. Тавсияҳои муҳаққиқ низ қобили ситоиш мебошанд.

Муҳтавои автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф дар пайдо кардани сарчашмаҳое, ки доир ба Саҳобӣ маълумот додаанд, ҷустуҷӯҳои зиёд намуда, ба сарчашмаҳои хаттӣ низ ошноии наздик дорад ва дар мавридҳои зарурӣ аз онҳо истифодаву иқтибос кардааст. Ба андешаи инҷониб таҳқиқи нахуст доир ба рӯзгору осори ин ё он адиб кори саҳл нест. Аз ин ҷиҳат, метавон гуфт, ки муаллиф дар таҳқиқи ин мавзуъ ба муваффақият ноил гардидааст. Дар маҷмуъ комёбиҳои муҳаққиқ самараи ҷустуҷӯҳо ва заҳматҳои тулонии ӯ буда, як шахсияти барҷастаи адабиёти форсу тоҷик муаррифӣ гардид.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо мушоҳида мегардад, ки дар оянда бартараф кардани онҳо ба нафъи кори муҳаққиқ аст. Чунончи:

1. Баъзе ҳолатҳо (саҳ.11) дар автореферат солҳо ба шакли ҳиҷрӣ-қамарӣ оварда шудаанд, хуб мешуд гунаи мелодии онҳо ҳам оварда мешуд.
2. Дар автореферат баъзе камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ низ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикршуда аҳаммияти дуюмдараҷа доранд ва бар мазмун ва мундариҷаи кор халали ҷиддӣ ворид намесозанд. Асосан онҳо ба сурати пешниҳод манзур гардидаанд. Дастовардҳои илмӣ дар таҳқиқот нисбат ба эродҳои боло ба маротиб бештаранд.

Автореферат ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки аксарашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 - Адабиёти тоҷик комилан мувофиқат менамояд. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, таҳқиқоти Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик дониста шавад.

**Доктори илми филология,**
**директори Институти илмҳои**
**гуманитарии ба номи академик**
**Б.Искандарови АМИТ** **Қаландариён Ҳоким Сафар**

«30» майи соли 2023

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ВМКБ, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Деҳотӣ 80, х.23
Тел.: +992 934892626
E-mail: hokim_k@mail.ru

Имзои доктори илми филология
Қаландариён Ҳоким Сафарро
тасдиқ мекунам

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**ИИГ АМИТ** **Наврӯзова Ҳ.Ш.**

«30» майи соли 2023
Суроға: 736001, шаҳри Хоруғ, кӯчаи У.Холдоров, 4
тел: +992 501089680
E-mail: husniya.navruzova@mail.ru